# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Собирова Назира Соличоновна дар мавзуи "Ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол тавассути анъанаҳои миллии халқи тоҷик", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст

Низоми таҳсилоти муосир, ки тарбияи шаҳрвандонро ба зимма гирифтааст, бояд ҷомеаро ба омӯзиши арзишҳои моддию маънавӣ, назарияҳои пешқадам ва сарчашмаҳои нодир, мероси адибону олимони бузург ҷалб созад. Дар ин раванд масъалаи рушду такомули низоми миллии таҳсилот аҳамияти муҳим касб намуда, дар ҳаллу фасли ин масоил мебояд аз таҷрибаи назарӣ ва амалии гузашта, хусусан аз анъанаҳои миллии халқи тоҷик пурсамар истифода барем.

Боиси зикр аст, ки давраи ҳозираи инкишофи ҷомеа нисбат ба ташаккули сифатҳои шахсият, такмили раванди таълиму тарбия дар заминаи анъанаҳои миллии халқи тоҷик муносибатҳои навро тақозо менамояд. Аз ин лиҳоз, рисолаи унвонҷӯй Собирова Назира Соличоновна дар мавзуи "Ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол тавассути анъанаҳои миллии халқи тоҷик" ба таҳқиқи масъалаи ошкор намудани шароити педагогие, ки ба хонандагони хурдсол дар раванди ташаккули рафтори иҷтимоии онҳо дар заминаи анъанаҳои миллии халқи тоҷик таъсири муҳим мерасонанд, равона гардидааст. Дар байни онҳо самтгирии ба шахсият нигаронида ва этнофарҳангии раванди педагогӣ дар муассисаи таълимӣ, ташкил намудани муҳити инкишофдиҳанда дар он, ҳамкории оила ва муассисаи таълимӣ дар такя ба омодагии иҷтимоӣ ва этнофарҳангии хонандагон ва хусусияти синнусолии хонандагони хурдсол мавқеи махсусро ишғол менамояд.

Падидаи навгонӣ ва бозёфти илмии рисолаи Собирова Назира Соличоновна бо он арзёбӣ мегардад, ки муаллиф аз нигоҳи тозаи пажӯҳиш самаранокии ташаккули рафтори иҷтимоӣ, аз ҷумла самтгирии шахсиятӣ ва фаъолмандонаи раванди педагогӣ дар синфҳои ибтидоӣ муайян ва асоснок намуда, дар он ташкил намудани муҳити инкишофдиҳанда, таъсири мутақобили таҳсилоти ибтидоӣ ва оила, хонандагони хурдсолро дар заминаи анъанаҳои миллии халқи тоҷик такя ба омодагии рафторӣ ва этнофарҳанг роҳандозӣ намудааст.

Унвонҷӯй муваффақ шудааст, ки дар сохтори рафтори ҷамъиятии хонандагони хурдсол афзалияти нишондиҳандаҳое, мисли фарҳанги шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ ва таҳаммулпазирӣ, фарҳанги рафтор ошкор

намуда, моҳияти мафҳуми «фарҳанги тарзи рафтор» ва «фарҳанги рафтор» муайян карда шуд; фарҳанги тарзи рафтор нисбат ба «фарҳанги рафтор», ки мафҳумҳои густурдатар буда, анъанаҳо, урфу одат, одоби рафтор, ақидаҳо ва меъёрҳои ахлоқии ба ҷомеаи мазкур хосро дар бар мегиранд, кушода диҳад.

Муаллиф қайд мекунад, ки зери ангезаҳои ташаккули рафтори ҷамъиятии хонандагони хурдсол мо чунин воситаҳои ҷолиб ва нерӯҳои раванди педагогиро мефаҳмем, ки хонандагонро ба фаъолияти пурқуввати ба ташаккули фарҳанги рафтор, сифатҳои ватандӯстона, таҳаммулпазирӣ ва сифатҳои дигари рафтори ҷамъиятӣ равонашуда водор менамоянд.(саҳ.83)

Дар рисолаи Собирова Назира Солиҷоновна махсусан коркарди амсилаи рафтори ҷамъиятии хонандагони хурдсол, ки низоми ангезишҳои тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстиро дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар заминаи дидгоҳи этнофарҳангӣ бедор менамоянд, мубрам ҳисобида мешавад. Машғулиятҳои махсус оид ба мавзӯи этнофарҳангӣ, муколамаи фарҳангҳо, шавқу рағбат ба таърихи оилаи худ, насаби худ, такя ба таҷрибаи шахсии этнофарҳангии хонандагон, низоми ангезишҳои тарбияи таҳаммулпазирӣ, нишон додани намунаҳои рафтори таҳаммулпазирона, истифодаи машқҳои хусусияташон этнофарҳангӣ, робита бо волидайн оид ба масъалаҳои мазкур ва ғайра мавриди корбарӣ қарор гирифтаанд.

Арзиши назарӣ ва амалии рисола дар он ба назар мерасад, ки ҷиҳати ноил шудан ба ҳадаф ва санҷишу тасдиқи фарзия ҳалли масъалаву вазифаҳои зерин таҳқиқи худро ёфтаанд:

- шароити педагогие, ки барои ташаккули самараноки рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол мусоидат мекунанд, аз ҷиҳати назариявӣ муайян гардида, аз санҷиш гузаронида шуданд;
- амсилаҳои ангезиши таъсири анъанаҳои миллӣ дар мисоли фарҳанги шаҳрвандӣ - ватандӯстӣ, таҳаммулпазирӣ ва рафтор бо хонандагони хурдсол ошкор гардида, дар таҷриба мавриди озмоиш қарор ёфт;
- низоми тарбияи рафтори ҷамъиятии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути анъанаҳои миллӣ, ки дар тамоми соҳаҳои фаъолияти кӯдак дар муассисаҳои таълимӣ ва оила метавонад корбарӣ шавад, таҳқиқ гардид;
- дар ин раванд хонандагони хурдсол мансубияти худро ба этнос, ба минтақа дарк намуда, ба иттилооти миллӣ шавқу таваҷҷуҳ зоҳир менамояд, кӯшиш мекунад, ки рафторашро бо амалҳои одамони дигар мувофиқ намояд, худро бо этносаш дар симои волидайн ҳаммонанд менамояд, ба Ватанаш эҳтиром зоҳир мекунанд.

Диссертант собит месозад, ки шинос кардани хонандагони хурдсол бо анъанаву оинҳои халқи худ, оилаи худ бачагонро ба кирдорҳои шаҳрвандӣ водор мекунад, ташаккули фарҳанги рафтор ва меъёрҳои одобро ангезиш медиҳад, ба коллективи педагогӣ ва бачагон барои дар заминаи миллӣ бунёд намудани анъанаҳои нав дар таълимгоҳ ва синф кӯмак мерасонад.

**Навгонии илмии таҳқиқот аз он иборат аст,** ки дар раванди таҳқиқот шаклу методҳои ташкилӣ - педагогии самташон анъанавӣ ва инноватсионӣ коркард, муайян ва аз ҷиҳати назариявӣ асоснок гардиданд, ки дар асоси онҳо зуҳуроти арзишманди рафтори ҷамъиятии хонандагони хурдсол ташаккул ёфтаанд. Дар сохтори рафтори ҷамъиятии хонандагони хурдсол афзалияти нишондиҳандаҳое, мисли фарҳанги шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ ва таҳаммулпазирӣ, фарҳанги рафтор ошкор гардида, моҳияти мафҳуми «фарҳанги тарзи рафтор» ва «фарҳанги рафтор» муайян карда шуданд. Муҳаққиқ қайд намудааст, ки фарҳанги тарзи рафтор нисбат ба «фарҳанги рафтор» мафҳуми густурдатар буда, анъанаҳо, урфу одат, одоби рафтор, ақидаҳо ва меъёрҳои ахлоқии ба ҷомеаи мазкур хосро дар бар мегирад. Фарҳанги рафтор бошад, қоидаҳои рафтори ба одами алоҳида хосро фаро мегиранд.(саҳ.10)

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти** анҷомёфта аз он иборат аст, ки амсилаҳои ангезишҳои ташаккули рафтори ҷамъиятии хонандагони хурдсол дар заминаи анъанаҳои миллии халқи тоҷик тарҳрезӣ гардид. Аз ҷумла, ангезишҳое, ки ба тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагон таъсир мерасонанд, ангезишҳое, ки ба ташаккули рафтори таҳаммулпазири хонандагон ёрӣ мерасонанд, ангезишҳое, ки шаклгирии қоидаҳои одоби рафторро таъйин мекунанд. Ғайр аз ин, низоми амалкарди технологияҳои гуногун коркард шуд, ки ба ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол дар заминаи анъанаҳои миллии халқи тоҷик таъсир доранд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар он аст, ки меъёрҳо, сатҳҳо, тавсифҳои рафтор, ангезишҳои ташаккули он, ки ошкор гардиданд, норасоии воситаҳои педагогии дигар ва захираҳоро дар ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол дар заминаи анъанаҳои миллии халқи тоҷик пурра мекунанд. Маводи диссертатсия дар хондани курси педагогикаи мактабӣ, этнопедагогика дар донишгоҳи педагогӣ ва дар низоми такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф метавонанд истифода шаванд.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ** иборат аз он аст, ки дар заминаи таҳлили таҳқиқотҳои илмии психологӣ–педагогии ташаккули рафтори иҷтимоии

хонандагони хурдсолро тавассути анъанаҳои миллии халқи тоҷик мавриди омӯзиш ва таҳқиқи махсус қарор додааст. Инчунин, дар раванди банақшагирӣ, интихоб ва асоснокkунии мавзуъ, тартиб додани сохтори рисола, муайян кардани мақсаду вазифа ва объекту предмет, ҷустуҷӯ ва дарёфти адабиёти зарурӣ доир ба мавзӯи таҳқиқот, ҷамъоварӣ ва мураттабсозии натиҷаҳои таҳқиқот ҳамчун додаҳои таҷрибавӣ, таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада ва таҳияи диссертатсия таҷассум меёбад.

Қобили зикр аст, ки натоиҷи асосӣ ва арзишманди пажуҳиш дар маҷаллаи илмии "Номаи Донишгоҳ", "Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав", Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф, маводи конфронсҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, мизҳои мудаввар, семинарҳо баррасӣ шуда, дар мақолаҳо инъикос ёфтааст, ки 6 адади он дар нашрияҳои тавсиякардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми ФР ба табъ расидаанд,

Дар боби якум **«Асосҳои методологӣ ва назариявии ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол тавассути анъанаҳои миллии халқи тоҷик»** тавсифномаи шахсияти хонандагони хурдсол дар асоси таҳлили хусусияти синнусолии онҳо баррасӣ шуда, моҳияту сохтор ва мундариҷаи мафҳуми «рафтори иҷтимоӣ» ва махсусияти он зимни кор бо хонандагони хурдсол мавриди таҳқиқ қарор гирифтанд ва шарту ангезишҳои педагогии ташаккули рафтори иҷтимоии онҳо муайян карда шуданд.

Ба андешаи муаллиф ҳадафи аслии рушди фаъолияти иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар робита бо ташаккули тарбияи шаҳрвандӣ – ватандӯстӣ, тарбияи шахсият ва ҳаёти солим дар шароити нави ҷомеаи демократӣ ба шумор меравад. Дар педагогика рафтори хонандаи хурдсол ҳамчун рафторе маънидод мешавад, ки заминаҳои табиӣ дорад, аммо ба фаъолияти бо иҷтимоъ таъйиншавандаест, ки шакли маъмули он меҳнат, ҳамчунин муошират мебошанд, ки ба танзими рӯҳии рафтор хусусияти сифатан навро мебахшанд. Ин имкон медиҳад, ки рафтор бо ҳадафи пешакӣ гузошта, донишҳо, дар синни калонтар бошад, бо эътиқоду ҷаҳоншиносӣ танзим гардад, ки ба хусусияти онҳо самтгирӣ ва арзиши иҷтимоии рафтор вобастаанд. (с.42)

Дар мавриди тарбияи сифатҳои шаҳрвандии бачагони ин синну сол чунин қайд менамояд, ки онҳо маҳз дар раванди муошırати иҷтимоӣ бо калонсолон, бо ҳамсолон, дар раванди гузаронидани чорабиниҳои дастаҷамъӣ ва иҷрои баъзе супоришҳои ҷамъиятӣ тавлид мешаванд, ки дар ин замина ангезаҳое, мисли ҳисси вазифашиносӣ,

хоҳиши иштирок дар кори умум ба вуҷуд меояд. Барангезандаи асосии муоширати хонандагони хурдсол худи инсон, муносибат ба ӯ, иштироки ӯ ва дигарон дар фаъолияти ҷамъиятии синф мегардад.

Дар фасли якуми ин боб **«Тавсифномаи шахсияти хонандаи хурдсол»** таълифоту таҳқиқоти мутафаккирони гузашта, педагогҳо ва психологҳо бо мақсади муайян намудани хусусияти синнусолӣ ва инфиродии бачагон, сабабҳо, ангезишҳо ва шартҳои баланд бардоштани сатҳи самаранокии тарбияи рафтори иҷтимоии хонандагон мавриди омӯзиш қарор дода шуданд. Ақидаҳои файласуфон ва мутафаккирони давраи атиқа, асрҳои миёна, олимон-педагогҳо ва психологҳо, намояндагони муасссисаҳои таълимии равияҳои гуногун, аз ҷумла, психологияи инфиродӣ, психологияи мутаносибият, табиатгароӣ (натуралистӣ), прагматизм ва ғ. баррасӣ шуданд.

Дар ин маврид диссертант Кайд менамояд, ки ангезаҳои рафтори хонандагони хурдсол воситаи махсуси танзими рафтор буда, сатҳи нерӯӣ ва хусусияти сохтории он фаъолиятро инъикос мекунанд, ки барои ӯ дастрас онҳо маълум мегардад. Барои ин синнусол тақвияти гуногунии таъсирот ба рушду тарбия хос мебошад.(саҳ.27) Механизми ташаккули рафтор ва амалисозии иҷтимоишавӣ дар раванди таъсироти мутақобили инсон бо ҷомеа амал мекунанд, ки барои аз ҷониби инсон андӯхтани таҷрибаи рафтори аз ҷониби иҷтимоъ мақбул мусоидат менамояд. Натиҷаи он «иҷтимоишавии шахсият» мегардад. (саҳ.29)

Дар идома муҳаққиқ «**Моҳият, сохтор ва мундариҷаи мафҳуми «рафтори иҷтимоӣ» ва махсусияти он дар рафти кор бо хонандагони хурдсол**» дар асоси таҳлили тафсири мафҳум «рафтор» дар луғату қомусҳо, таълифоту таҳқиқоти психологию педагогӣ мафҳуми густурдаи «рафтори иҷтимоӣ» баррасӣ ва дақиқ гардида, моҳияту мазмун ва сохтори онро муайян карда, нуқтаи назари олимонро оид ба масъалаҳои иҷтимоигардонӣ ва инкишофи рафтори иҷтимоӣ баён намудааст. Муайян намудааст, ки имрӯз ба меъёрҳои умумии рафтор такя кардан кофӣ нест, балки ҳидояткунандаи рафтор бояд самтгириҳои арзишие бошанд, ки заминаҳои аз ҷониби субъект даркшуда ба шумор мераванд. Самтбахшандаи ботинии рафтор - арзиш зарур аст. Инчунин ба такя ба ин дидгоҳҳо ва дар асоси натиҷаҳои пурсиши волидайн мо рейтинги зуҳуроти рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсолро муайян намуданд.

Кор бо фасли сеюм «**Шартҳои педагогӣ ва омилҳои ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол**» имкон дод, ки дидгоҳҳои афзалиятнок нисбат ба сифатҳои рафтори ҷамъиятии хонандагон ошкор гарданд, ки аз инҳо иборатанд: ташаккули тарбиятдидагии шаҳрвандӣ-

ватандӯстона, таҳаммулпазирӣ, фарҳанги рафтор ё риояи меъёрҳои этикет. Дар асоси таҳлили таълифот оид ба масъалаи баррасишаванда шартҳои педагогии ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагон муайян гардидаанд, ки дар боби дуюм мавриди истифода қарор ёфтаанд.

Дар боби дувуми диссертатсия «**Технологияи педагогии ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол тавассути анъанаҳои миллии халқи тоҷик**» таъсири арзишҳои миллии халқи тоҷик ба ташаккули рафтори шаҳрвандӣ-ватанпарваронаи хонандагони хурдсол, дидгоҳи этнопедагогикаи халқи тоҷик нисбат ба ташаккули таҳаммулпазирии онҳо таҳқиқ гардида, самаранокии ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагон тавассути анъанаҳои миллии халқи тоҷик дар рафти озмоиши педагогӣ санҷидаву таҳлил шуд.

Таҳлили ин боб ва натиҷаҳои ба даст омада собит мекунад, ки масъалаҳои тавсифи педагогии шахсияти хонандаи хурдсол таърихи зиёди омӯзиши қаблиро дошта, дар мантиқи муаммоҳои назариявии омӯхташаванда масъалаҳои методология, назарияи принсипҳои таълиму тарбияи хонандагони хурдсол, роҳҳои тарбияи рафтори ҷамъиятӣ мавқеи муҳимро ишгол мекунанд.

Дар фасли якуми ин боб «**Таъсири арзишҳои миллии халқи тоҷик ба ташаккули рафтори шаҳрвандӣ-ватанпарваронаи хонандагони хурдсол**» дар асоси озмоиши педагогие, ки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ гузаронида шуд, дараҷаи муассирии арзишҳои миллӣ ба шаклгирии рафтори шаҳрвандӣ-ватанпарваронаи хонандагон муайян гардид.

Дар таҳқиқоти озмоишӣ мо таснифоти худии вазъиятро вобаста ба мундариҷа, самтҳои навъҳои гуногуни фаъолият бо хонандагони хурдсол истифода бурдем: вазъият оид ба ташаккули рафтори шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагон, оид ба ташаккули меҳнатдӯстӣ ва муносибати мусбат ба меҳнат, оид ба ташаккули рафтори ахлоқӣ, зебопарастӣ ва ғ. Ин таснифот шартӣ буда, дар диссертатсия тавсифи вазъияти зикршуда дар асоси мисолҳои гуногун анҷом дода шуд.

Чунончи, ба низоми ангезаҳои тарбияи шаҳрвандӣ - ватандӯстӣ дар машғулиятҳо ва фаъолияти озоди мустақилона истифода бурдани анъанаву оинҳои халқи тоҷик, машгулиятҳои махсус дар мавзӯи миллӣ ва масъалаҳои этнопедагогӣ, самтгирӣ ба арзишҳои умумишаҳрвандӣ, ватандӯстӣ, дар бачагон инкишоф додани шавқу рағбат ба таърихи оилаи худ, халқи худ, истифодаи эҷодиёти шифоҳии халқ дар тарбия, гузаронидани машғулияти методӣ барои ҳайати педагогӣ оид ба мавзуи умумишаҳрвандӣ ва этнопедагогӣ ва ғайра ворид гардидаанд. (саҳ.90).

Дар натиҷа кори таҷрибавӣ-озмоишӣ самаранокии низоми ангезаҳоро нишон дод, ки дар раванди тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ

ҳамчун қисми таркибии рафтори ҷамъиятии хонандагон пешниҳод гардид. (саҳ.109)

Масъалаи ташаккул додани таҳаммулпазирӣ бо такя ба этнопедагогикаи халқи тоҷик дар фасли дувуми боб **«Дидгоҳи этнопедагогикаи халқи тоҷик дар ташаккули таҳаммулпазирии хонандагони хурдсол»** баррасӣ шудааст. Аз ҷониби диссертант иҷрои як қатор вазифаҳо, аз чумла ҳамроҳ кардани бачагон ба фаъолияти муколамавӣ, ки ҳадафи он инкишофи эҳтиёҷ барои ҷалб шудан ба фарҳанги мардумӣ ва тавассути он - ба фарҳанги умумиинсонӣ буд; шинос кардани бачагон бо фарҳанги халқҳо ва давраҳои дигар; фароҳам овардани муҳити мусоиди ашёӣ-фазоӣ дар синфҳои ибтидоӣ, ки муносибатҳои мусбати байнимиллиро ангезиш медиҳад, ба нақша гирифта шуда, мавриди роҳандозӣ қарор гирифтаанд.

Дар ин маврид муҳити фазоӣ - ашёӣ барои барпо намудани тамосҳои эмотсионалии шахсӣ, барои инкишофи таҳаммулпазирӣ имконияти зиёдро фароҳам меорад. Ин аз ҳисоби густариши имконияти тағйир додани тарзи муносибатҳои байниҳамдигарии педагог ва хонандагон, аз ҳисоби истифодаи вазифаи шарикӣ, ҳамроҳ кардани фаъолияти навъи ширкат - фаъолияти якҷояи тасвирӣ, мусиқӣ, тарҳрезӣ, намоишҳои театрӣ муяссар мегардад. (саҳ.128)

Натиҷагирӣ аз кори амалӣ–таҷрибавӣ оид ба муайян намудани самаранокии ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагон тавассути анъанаҳои миллии халқи тоҷик дар фасли сеюми ин боб **«Самаранокии ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагон тавассути анъанаҳои миллии халқи тоҷик»** баён шудаанд.

Маълумоти овардашуда исбот мекунанд, ки аз ҷониби хонандагони хурдсол аз худ шудани меъёру арзишҳои умумии амалкунанда, шаклҳои фаъолият ва рафтори хусусияташон миллӣ имконияти ташаккули рафтори ҷамъиятии мусбати хонандагонро густариш медиҳад, ба ташаккули меъёрҳои умумишаҳрвандии рафтор, ба инкишофи таҳаммулпазирӣ таъсир мерасонад. Шинос кардани хонандагони хурдсол бо анъанаву маросими халқи худ ва оилаи худ бачагонро ба кирдорҳои шаҳрвандӣ водор намуда, ташаккули фарҳанги рафторро ангезиш медиҳад, ба хонандагон ва ҳайати педагогӣ ёрӣ мерасонад, то ки дар заминаи анъанаҳо этнопедагогӣ анъанаҳои нави мактаб ва синфро бунёд намоянд. Ба андешаи мо, ин яке аз натиҷаҳои кори таҷрибавӣ - озмоишӣ мебошад.

Натиҷаҳои бадастомада ба диссертант Собирова Н.С. имкон додааст, ки ба амсилаи ангезаҳои тарбияи таҳаммулпазирӣ иртибот бо волидайни хонандагони хурдсол оид ба масъалаҳои тарбияи таҳаммулпазиронаи миллии хонандагони хурдсол, ба бачагон нишон

додани намунаҳои рафтори таҳаммулпазирона, амсиласозии вазъияти таҳаммулпазирӣ, истифодаи бозиву бозичаҳои мазмунашон миллӣ, ба раванди педагогӣ ворид намудани ашёи гуногуни фарҳанги мундариҷааш миллӣ ва этноминтақавӣ, истифодаи навъҳои гуногуни муоширати муколамавиро ворид намояд, ки арзиши илмии рисоларо тасдиқ менамояд.

Ба андешаи мо, диссертатсияи Собирова Назира Солиҷоновна дар мавзӯи "Ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол тавассути анъанаҳои миллии халқи тоҷик" таҳқикоти анҷомёфтаи илмӣ дар соҳаи педагогикаи ватанӣ мебошад.

**Дар баробари дастовардхо дар диссертатсия ва фишурдаи он баъзе камбудӣ ва норасоихо ба назар мерасанд:**

1. Дар рисола диққати асосӣ ба омӯзиши асосҳои педагогию психологии мавзуъ, инчунин коркарди амсилаи рафтори ҷамъиятии хонандагони хурдсол, афзалияти нишондиҳандаҳо, мисли фарҳанги шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ ва таҳаммулпазирӣ, фарҳанги рафтор ба таври васеъ дода шуда, ба ҷанбаи истифода аз анъанаҳои миллии халқи тоҷик, аз зумраи урфу одат, одоби рафтор, ақидаҳо ва меъёрҳои ахлоқӣ дар ин раванд ҷойгоҳи камтар дода шудааст.
2. Дар диссертатсия ва фишурдаи он корҳои илмии олимони ватанӣ, ки ба мавзуи таҳқиқотӣ бахшида шудаанд, ба кадри кофӣ таҳлилу баррасӣ нагардидаанд. Ҳоло он ки, ин манбаъҳо дар руйхати адабиёт оварда шудаанд.
3. Дар матни рисолаи илмӣ бархе аз иқтибосҳои овардашуда аз кадом адабиёт истифода шуданд, тахти сабт қарор наёфтаанд. (саҳ.16,18,23,30,52)
4. Дар рисолаи илмӣ ва фишурдаи он хатогиҳои имлоӣ, услубӣ ва нуқсонҳои техникӣ мавҷуданд, ки таҳриру ислоҳ мехоҳанд.

Камбудӣ ва норасоиҳои зикршуда арзиши комили илмӣ ва дастовардҳои назарраси диссертатсияи Собирова Назира Солиҷоновна дар мавзуи "Ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол тавассути анъанаҳои миллии халқи тоҷик", дар ҳудуд ва миқёси мавзуи таҳқиқшуда халалдор намекунад. Дар ҳаллу фасли вазифаи пешгузоштащуда диссертант далелу маводи зарурӣро ба таври возеҳ ва васеъ истифода кардааст. Муаллифи аз адабиёти илмии зарурӣ дар самти таҳқиқоти мазкур огоҳии комил ва ҳамаҷониба дорад.

Нуқтаҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва хулосаҳои рисолаи илмӣ дар мақолаҳо, аз он ҷумла дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рӯйхати онҳо дар рисолаи илмӣ ва

фишурдаи он дарҷ гардидаанд, интишор шудаанд.

Автореферат, дастур ва мақолаҳои нашрнамудаи диссертант муҳтавои асосии рисолаи илмиро инъикос менамояд. Мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ бо соҳаи зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пурра мувофиқат мекунад.

ХУЛОСА

Диссертатсияи Собирова Назира Солиҷоновна дар мавзуи “Ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол тавассути анъанаҳои миллии халқи тоҷик”ба талаботи Низомномаи шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мебошад.

Доктори илми педагогӣ, профессори
кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ ва
гуманитарии Консерваторияи миллии
Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов
Латифзода Диловар Назришоҳ
14.09.2023

Маълумот барои тамос:
Нишони: 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри
Душанбе, маҳ. Испечак 2, М.ЗО, х.1. хуҷ.3.
Тел.: 907-07-02-44.
E-mail: dilovarl @mail.ru

Имзои Д.Н. Латифзодаро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Консерваторияи миллии
Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов Каримов М. Т.